«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ», доктори илми филология,
_________Шарифзода Ф.
«__» ________с.2023.

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём»ба банди 5-уми бахши "Соҳаҳои таҳқиқот"-и шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) адабӣ мутобиқат менамояд.

Рӯзгор ва осори шоири муосири араб Илё Абумозӣ дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, аз лиҳози баррасии мавзуӣ нав мебошад. Бояд гуфт, ки дар густараи равобити адабии адабиёти арабҳо ва форсии тоҷикӣ таъсири адабиёти арабӣ бештар таҳқиқ шуда, масъалаи таъсирпазирии арабҳо аз адабиёти форсии тоҷикӣ камтар таҳқиқ сурат гирифтааст. Аз ин зовия низ таҳқиқи чунин мавзуъ барои адабиётшиносӣ, хусусан шарқшиносии имрӯзаи тоҷик зарур буда, вобаста ба ин масъалаҳо то кунун дар адабиётшиносии тоҷик мавриди пажуҳиши алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтаанд ва аз ҳар ҷиҳат мавзуи мубрами илмӣ ва шоистаи таҳқиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тартиб ва сохтори умумии диссертатсия, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навовариҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назариёти донишмандони муосири ватанию хориҷӣ дар

робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои илмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, методи таҳлили системавию муназзамро мавриди истифода қарор додааст. Мувофиқи андешаи муаллифи диссертатсия, дар ибтидои асри XX адибони араб бо равандҳо ва мактабҳои адабии ҷаҳонӣ ошно гардида, баъзе аз унсурҳои матлуби онро вориди адабиёти хеш карданд. Хусусан, ин мавҷи лангардори адабӣ дар Лубнон ва Миср таъсири бештар дошт ва афкори пешқадами замон аввалан тавассути тарҷума, баъдан бо офаридани асарҳои гуногуннавъи адабӣ ба кишварҳои арабӣ роҳ меёфт. Аз ҷумла, Илё Абумозӣ шоири лубнонӣ аз андешаҳои Умари Хайём таъсир пазируфта, як силсила ашъорашро дар пайравии ӯ эҷод кардааст, ки то имрӯз ба таври алоҳида аз таҳқиқи монографӣ аз назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар канор мондааст. Зарур ба таъкид аст, ки роҷеъ ба паҳлуҳои рӯзгору осори Илё Абумозӣ аз ҷониби донишмандони араб ва ховаршиносон таҳқиқоти боарзиш сурат гирифта, аммо ба масъалаи таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём камтар таваҷҷуҳ гардида, паҳлӯҳои гуногуни он ба таҳқиқоти густардаву фарогири илмӣ кашида нашудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассали таъсирпазирри шоири араб аз андешаҳои фалсафии Умари Хайём қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омада, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ боз ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назарию методологӣ,

ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, заминаҳои асосии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «**Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ**» номгузорӣ шуда, чор фаслро дарбар мегирад. Фасли аввали ин боб **«Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-адабии замони зиндагии Илё Абумозӣ»** ном дошта, муҳаққиқ дар он, бештар ба шахсияти шоири лубнонӣ ва ошноӣ бо муҳити зиндагии Илё Абумозӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии ибтидои асри XX-ро, ки дар ин давра кишварҳои арабӣ ба таҳаввулоти бузурги фикрӣ ва инқилобӣ рӯбарӯ шуда буданд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҷавонони мустаид ва донишманди лубнонӣ чи дар дохил ва чи дар берун анҷуманҳои «Робитаи қаламӣ» ва «Усбат-ул-Андалусия» (Иттиҳоди андалусӣ) таъсис доданд, ки фазои адабӣ ва илмии Лубнонро ба ҷунбиш оварда буданд. Илё Абумозӣ низ аз ҷумлаи он ҷавононе буд, ки дар 11-солагӣ, яъне соли 1900 ба Қоҳира ҳиҷрат карда, 11 сол он ҷо зиндагӣ кард. Ӯ соли 1912 ба Амрико сафар карда, то охири умр, яъне соли то 1957 дар он мамлакат монд.

Фасли дуюми боб **«Нақши адибони «Маҳҷар» ва Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи он дар густариши адабиёти араб»** унвон дорад, дар ин фасл масоили таъсиси мактабҳои адабии арабии типи нав ва мақому манзалату ҷойгоҳи адибони «Маҳҷар» ва Илё Абумозӣ дар адабиёти араб ба таҳлил гирифта шудааст.

Таъсиси мактаби адабии «Маҳҷар» дар баробари ҷараёнҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар ин давра дар Миср таҳаввулоти фикрӣ ба вуҷуд овард. Хусусан намояндагони барҷастаи ин мактаби адабӣ чун Аҳмад Шавқӣ, Халил Мутрон, Ҳофиз Иброҳим, Фавзӣ Маълуф, Илё Абумозӣ, Ҷуброн Халил, Амин Райҳон, Михаил Нуайма, Рашид Салим, Илёс Фарҳот дар иштиҳори он нақши барҷаста доштанд. Ин ҷараёни адабӣ, ба андешаи муаллиф, пойгоҳи фикрии адибони Миср ба ҳисоб рафта, нақши онҳо дар таъсис додани мактабҳои типи нав, муассисоти фарҳангӣ ва хусусан рӯзномаҳо бисёр муассир буд. Аз сӯйи дигар, онҳо адабиёти суннатии арабро бо навовариҳои адабиёти аврупоӣ синтез карда, бисёр андешаҳо, навъҳои адабӣ, аз қабили ҳикоят, повест, новелла, драма, роман ва шеъри сафеду шеъри озодро вориди адабиёти араб карданд. Ин мактаби адабӣ барои зуҳури адабиёти «Маҳҷар»-ро асос гузошт, ки як бахши таркибии адабиёти

араб дар ин давра ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки адабиёти «Маҳҷар» ба ду қисм ҷудо мешавад: 1) гурӯҳи маҳҷари шимолӣ; 2) гурӯҳи маҳҷари ҷанубӣ.

Илова бар ин, Абдулмасеҳ Ҳаддод соли 1920 дар Амрико анҷумани адабии «Робитаи қаламӣ»-ро таъсис дод, ки он дар рушди адабиёти арабии замони ҳиҷрат нақши барҷаста дорад. Аз ҷумла, Илё Абумозӣ аз аъзои фаъоли он буда, яке аз асосгузорони он мактаби адабии "Робитаи қаламӣ" ба шумор меравад. Шоири мавриди назари мо қариб тамоми осори худро дар муҳоҷират, хусусан Амрико эҷод кардааст. Саҳми шоир дар густариши адабиёти араб дар муҳоҷират басо арзишманд аст.

Ҳамроҳи ӯ адибоне чун Насиб Ариза, Михаил Нуайма, Асъад Растум, Рашид Айюб, Вайлома Катафлис барои тарғиби ғояҳои адабии арабӣ дар Амрико камари ҳиммат баста буданд. Ин анҷуман то соли 1931 фаъолият дошт.

Фасли сеюми боб **«Зиндагинома ва мероси адабии Илё Абумозӣ»** ном дошта, диссертант дар он оғози фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии шоири муборизро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Бино ба таҳқиқи диссертант, аввалин навиштаҳои манзуми ӯ дар саҳифаҳои маҷаллаи «Аз-Зуҳр» нашр шудаанд. Дар Миср ӯ бо уфуқҳои нави адабӣ ва сиёсӣ ошно шуд, вале аз худ қонеъ набуд. Дар ин давра ашъори иҷтимоии зиёде суруда ва бар зидди истилогарони англис, ки дар Миср буданд, муборизаҳои шадиди сиёсиро оғоз кард. Илё соли 1922 ба Амрико ҳиҷрат кард ва дар «Ал-Маҷаллат-ул-арабия» ба кори рӯзноманигорӣ пардохт. Сипас, дар рӯзномаи «Миръот-ул-ғарб» фаъолият карда, соли 1929 худаш маҷаллаи «Ас-Самир»-ро таъсис дод. Илё Абумозӣ аз худ мероси гаронбаҳои адабӣ ба ёдгор мондааст.

Мероси адабии Илё Абумозиро асосан назм ташкил дода, наср дар он кам ба назар мерасад. Шоир нахустин девонашро бо номи «Тазкор ал-мозӣ» (Ёддоштҳо) дар бистсолагиаш, соли 1911 дар чопхонаи «Матбаъат-ул-мисрия» ба чоп расонд, ки дорои 55 қасида аст. Маҷмуаи дуюми ӯ «Девон, ал-ҷузъ-ус-сонӣ» ном дошта, аз 79 қасида иборат буда, соли 1919 пас аз 8 соли зисташ дар Амрико чоп шудааст.

Се девони дигари ӯ бо номҳои «Ал-Хамоил» (Бешазорҳо) (1920), «Ал-Ҷадовил» (Буттазорҳо) (1927) ва «Ат-Тибру ва-т-туроб» (Тилло ва хок) (1960) чоп шудаанд, ки бештари ашъори ӯро мавзуоти ватандӯстӣ, муҳаббат ба сарзамин, ишқ ва меҳру муҳаббат ташкил медиҳад. Як бахши ашъори ӯ марбут ба Фаластин аст, ки ишқу муҳабати ӯро ба ин сарзамин ба таври вижа нишон медиҳад.

Фасли чоруми боби аввал **«Мавзуъҳои асосии ашъори шоир ва мавқеи андешаҳои иҷтимоӣ дар он»**-ро фаро гирифта, дар он паҳлуҳои гуногуни ашъори шоир ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавзуъҳои асосии ашъори шоирро адибону муҳаққиқон ба ҳафт қисмат ҷудо кардаанд: ватандӯстӣ; таваҷҷуҳ ба сарзамини араб (хусусан, ба Фаластин); озодихоҳӣ; мубориза бар зидди зулму ситам; хушбинӣ ва орзӯю умеди нек ба зиндагонӣ; пуштибонӣ аз ҳуқуқҳои мардум, хусусан, мардуми араб ва гароиш ба масъалаҳои иҷтимоӣ. Андешаҳои иҷтимоӣ низ дар шеъри шоир ба таври муфассал инъикоси худро ёфтааст. Шоир дар шеъри иҷтимоияш бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, озодихоҳӣ, муқовимат дар баробари зулм, мубориза ба беҳувиятӣ ва ғафлати мардум диққат медиҳад. Қасидаи «Тин»-и ӯ намунаи барҷастаи шеъри иҷтимоӣ мебошад. Илё Абумозӣ дар қасидаҳои «ал-Ҳуррия» (озодӣ), «Шаква фатотин» (Шикваи ҷавондухтар), «Ат-Тамосил» (Муҷассама), «Ибтасим» (Лабханд зан) низ ҳамин мавзуъро пайгирӣ кардааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эҷодиёти Илё Абумозӣ»** ном дорад ва аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали боби дуюм, ки **«Омӯзиши рубоиёти Умари Хайём дар кишварҳои арабӣ»** номида шуда, дар он масъалаи таърихчаи хайёмшиносӣ дар адабиёти араб ва таъсири афкори фалсафии ин шоири форсинажод аз лиҳози илмӣ ба силки таҳқиқ кашида шудааст.

Дар ҷаҳони муосири араб рубоиёти Умари Хайём мавриди таваҷҷуҳи ҳам мутарҷимон ва ҳам муҳаққиқони зиёд қарор гирифта, то имрӯз беш аз 90 тарҷумаи арабии рубоиёти Умари Хайём мавҷуд аст. Афзун ба ин, рубоиёти Хайём мавриди таҳқиқоти донишмандони араб қарор гирифта, дар замина беш аз 300 таҳқиқот ба вуҷуд омадааст. Донишманди араб Юсуф Ҳасани Баккор дар заминаи хайёмшиносӣ дар кишварҳои араб пажӯҳише анҷом дода, шумораи тарҷумаҳои муътабари арабии рубоиёти шоири нишопуриро 55 адад медонад.

Илова ба Муҳаммади Шаҳразурӣ дар «Нузҳат-ул-арвоҳ» чаҳор қитъаи арабиро ба қалами Хайём мансуб донистааст, ки диссертант онҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, ба ин натиҷа расидааст, ки Хайём дар радифи рубоиёти форсӣ ба арабӣ ҳам шеър эҷод мекардааст.

Фасли дуюми боби дуюм «**Қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ-инъикосгари маонии рубоиёти Умари Хайём»** ном дошта, муҳаққиқ бо муқоисаи ашъори Илё Абумозӣ ва Умари Хайём тавонистааст, ки бо санадҳои муътамад таъсирпазирии шоири арабро нишон диҳад. Барои намуна, Хайём дар шарҳу баёни мантиқу фалсафаи ҳастиву нестӣ на аз роҳи озмудаи дигарон, балки аз равзанаи диду дарки фардӣ ҷасурона ворид шуда, дар танҳоӣ ба баёни ниҳоне кӯшидааст, ки гиреҳи муаммоҳои сарбастаи онро бозкушоӣ кунад. Дар ин андешаҳои пурасрор бо пурсишҳои бидуни посухи бештаре рӯ ба рӯ шуда, бо вуҷуди саргумӣ, боз ҳам ҷуръати

бардоштани пардаи пардаҳо ва ба олами оламҳо нигаристанро кардааст. Дар бораи нестӣ Умари Хайём чунин мегӯяд:

Гар омаданам ба ман будӣ, н-омадаме,
В-ар низ шудан ба будӣ, кай шудаме?
Беҳ з-он набудӣ, ки андар ин дайри хароб,
На омадаме, на будаме, на шудаме?

Бо ҳамин мазмун шоири араб Илё Абумозӣ чунин мегӯяд:

« طلاسم »

جئت لا أعلم من أين ولكنى أتيت     ولقد أبصرت قدامى طريقاً فمشيت

وسأبقى سائرا إن شئت هذا أم ابيت     كيف جئت ؟ كيف أبصرت طريقى؟

لست أدرى

(Тарҷума: *омадам намедонам аз куҷо, вале омадам.*
*Пешравии хешро нигаристам ва роҳе ёфтам, пас ҳаракат кардам.*
*Пайваста ҳаракат ҳоҳам кард, бихоҳам ё нахоҳам,*
*Чӣ гуна омадам? Чӣ гуна роҳамро ёфтам?*
*Намедонам!)*

Чунонки ба мушоҳида расид, муаллиф бо мулоҳизаҳои шахсӣ ва муқоисаҳои илмӣ тавонистааст таъсирпазирии Илё Абумозиро нишон доааст, ки яке аз тозагиҳои рисолаи диссертант мебошад. Нуктаи дигарро низ метавон дар ин ҷо таъкид, ки рисолаи муаллиф аз ҷумлаи он рисолаҳоест, ки босаводона навишта шуда, муҳимтар аз ҳама, бидуни иштибоҳ аст. Забони рисола ҷавобгӯ ба меъёрҳои забони адабӣ буда, рисола дар сатҳи шоиста таълиф шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Илё Абумозӣ**» унвон дошта, аз 4 фасл иборат аст.

Фасли аввал масъалаи **«Муаммои ҳастӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва ашъори Илё Абумозӣ»** унвон дошта, бештар масъалаҳои фалсафаи офариниш, хилқати ҷаҳон, нақши инсон дар ҷаҳони суфлӣ, бебақо будани инсон, шакку ҳайрати инсон аз ҳастӣ ба таври қиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Суоли Илё Абумозӣ дар заминаи муаммои ҳастӣ дар ҳақиқат суоли шоир нест. Пурсиш навъи инсон аст ва аз ин ҷиҳат, муҳим ва асосӣ ба шумор меравад, ки самту сӯйи зиндагии имрӯза ва ояндаро равшан месозад.

Дар қасидаи «Талосим» шоир суолҳои зиёди фалсафиро матраҳ мекунад ва ба он ки ба радду инкор бианҷомад, ҳамон шакку ҳайрати инсон аз ҳастиро, ки пештар аз ҷониби Умари Хайём ва Абулъало Ал-Мааррӣ ироа шуда буд, сарчашмаи ҳаётро ҷустуҷӯ мекунад ва маънои гавҳари офариниширо дарк мекунад.

Тафаккури Илё Абумозӣ дар масъалаи муаммои вуҷуд ҳам монанди ҷаҳонбинии Умари Хайём аст, ки ҳушдоре барои дуруст зистан мебошад. Ӯ

ба ин бовар аст, ки пеш аз расидани марг бояд аз фурсати сабзи зиндагӣ баҳра гирифту дар пайи ислоҳи он шуд.

Фасли дуюми боби сеюм **«Гузарандагии олам ва арзишҳои ҳаёти инсонӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ»** ном дорад, ба таври қиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Мавзуи бевафоии дунё ва ғанимат донистани умр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ муштарак буда, таъсирпазирии шоири лубнонӣ нишон медиҳад, ки ӯ шайдои рубоиёти ҷовидонаи Хайём будааст.

Фасли сеюми боби сеюм ба масъалаи **«Хамр дар рубоиёти Умари Хайём ва осори Илё Абумозӣ»** бахшида шуда, ки аз ҷумлаи мавзуоти маркакзии рубоиёти Хайём аст. Май ва майгусорӣ аз муҳимтарин мавзуоти ин ду шоир буда, гувоҳи он аст, ки Хайём ва Илё Абумозӣ ба василаи он розу рамзҳои замони худро фош мекарданд.

Фасли чоруми боби сеюм **«Озодандешӣ дар шеъри Илё Абумозӣ ва рубоиёти Умари Хайём»** номгузорӣ шудааст. Ин фасл дар бораи озодандешӣ дар шеъри Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём баҳс мекунад, ки ин масъаларо шоири нишопурӣ дар асри XI ва шоири араб дар асри XX матраҳ кардаанд, ки яке аз мавзуоти умумии адабиёт ба шумор меравад. Аммо озодандешии шоири муосир, ба ақидаи муаллифи диссертатсия, аз шоири классик бо се омил фарқ дорад:

1. Дар шеърҳои иҷтимоии Илё Абумозӣ дар баробари афкори шарқӣ, инчунин афкори ғарбӣ низ таъсиргузор аст, ки барои қиёс ин омил дар шеъри Хайём ба мушоҳида намерасад.

2. Ҳарчанд асли рубоӣ аз шоирони форсигӯст, вале баъдан, чунонки Бохарзӣ дар «Думят-ул-қаср» менависад, арабҳо аз ин навъи шеърӣ пайравӣ карда, рубоиёти зиёде сурудаанд, вале он ба табиати забони арабӣ хос набуд. Бинобар ин, дар шеъри тозӣ ба он камтар таваҷҷуҳ шудааст. Ҳамин омил сабаб шудааст, ки Илё Абумозӣ афкору орои худро бештар дар қолаби суннатии қасида баён намояд. Озодандешӣ дар шеъри Абумозӣ асосан заминаҳои ҳаётӣ, бахусус, иҷтимоӣ доранд, вале ин масъала дар рубоиёти Хайём дар пардаи фалсафа баён шудааст, ки аз ҳам фарқ доранд.

3. Фарқи муҳити адабӣ ва зиндагӣ. Шоири муҳоҷири араб дар маҳди озодӣ, яъне дар Амрико мезист, ки мардумсолориро талқин мекунад ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд дар қонунҳои он побарҷост. Чунин намунаи озодандешӣ дар ашъори Хайём аслан вуҷуд надорад.

Дар рӯйхати адабиёт теъдоди фаровони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, аз ҷумла нашрҳои гуногуни рубоиёти Хайём бо забонҳои форсии тоҷикӣ, тарҷумаҳои арабӣ ва русии онҳо, инчунин аксари девонҳои Илё Абумозӣ, бавижа таҳқиқоти роҷеъ ба таъсирпазирии Хайём дар арабиёти араб анҷомёфта, зикр шуда, аз дониш ва огоҳии

мукаммали муаллиф дар таҳқиқи ҳаматарафа ва фарогир паём мерасонад. Корбурди теъдоди зиёди пажуҳишот ва нақду назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе муаллифон дар таркиби кор истиқлоли назари ӯро дар раванди куллии нигориши диссертатсия таъмин кардааст.

Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мешавад, ки муҳаққиқи ҷавон аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи мушкил баромада тавонистааст. Ба назар мерасад, ки муҳаққиқ қабл аз таълифи диссертатсия ба адабиёт, бавижа адабиёти классикии форс-тоҷик ва араб, махсусан рубоиёти Хайём ва Илё Абумозӣ ба андозаи лозим ошноӣ доштааст, ҳамзамон осори илмии марбут ба кори худро амиқ омӯхтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи **Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич**ро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим ва тоза дар адабиётшиносии тоҷик унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки матлуби илмӣ, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми адабиву илмӣ таълиф шудааст.

Аз феҳрасти адабиёти диссертатсия ва автореферати он бармеояд, ки диссертант давоми солҳои зиёд ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои адабиёти татбиқӣ, хусусан ба муқоисаи рубоиёти Хайём ва Илё Абумозӣ машғул буда, нашри мақолоташ вобаста ба кори худ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқ далолат мекунад. Ҳамзамон, ширкати муаллифи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ низ ба истиқлоли дидгоҳҳои илмии вай роҷеъ бамавзуи таҳқиқшаванда ва андешаи шоир ишорат доранд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Фасли аввали боби дувум “Омӯзиши рубоиёти Умари Хайём дар кишварҳои арабӣ” мебошад, ки муаллиф онро воқеан ба бахшҳои а) тарҷума аз забони асл; б) тарҷума аз тарҷума; в) тарҷума бо ду равиши мухталиф; г) тарҷума бо лаҳҷа дуруст ҷудо карда, дар ин замина таҳқиқи арзишмандеро анҷом додааст. Агар диссертант ба ин фасл бахши наверо вобаста ба рисолаҳои таҳқиқии марбут ба рубоиёти Хайём анҷомёфтаро илова мекард, кори ӯ сифатан беҳтар мешуд
2. Агар муаллиф дар фасли дувуми боби дувум таъсирпазирии Илё Абумозиро аз рубоиёти Умари Хайём ба таври мавзуӣ дастабандӣ мекард, арзиши илмии он дучанд меафзуд.

3. Диссертант дар кори худ дар хусуси муҳассиноти каломи ҳарду шоир, хусусан истифодаи санъатҳои бадеӣ ишорае накардааст. Ҳол он ки дар баробари муқоисаҳои муҳтавоӣ яке аз паҳлуҳои қиёсӣ ин истифодаи муштараки санъатҳои адабӣ мебошад. Дар ин сурат рисола аз лиҳози композитсионӣ мукаммал мегардид.

**4.** Азбаски масъалаи асосии рисола ба мавзуи таъсирпазирӣ марбут аст, салоҳ будӣ, муаллиф ба пажӯҳиши масъалаҳои қиёсии сабку сиёқи ашъори ин ду шоир дахл мекард. Вале, мутаассифона, дар ин маврид муаллиф ба чанд ишора қаноат кардаасту халос.

5. Баъзан дар рӯйхати адабиёт китобҳое оварда шудаанд, ки ба маводи диссертатсия иртибот надоранд.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки чор адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёт рақами 10 Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 20 ноябри соли 2023, суратҷаласаи № 10 баррасӣ ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 10, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**

Академики АМИТ, доктори илми филология, сарходими шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Салимӣ Носирҷон

**Эксперт:**

доктори илми филология, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Юсуфов Умриддин

.........................................................................

**Котиби илмии ҷаласа:**

номзади илми филология, ходими хурди шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатова Холида

**Имзоҳои д.и.ф., Салимӣ Н., н.и.ф. Юсуфов У. ва н.и.ф Давлатова Х.-ро тасдиқ мекунам:**

Нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Нарзиқулова Ҳилола

.................................................................

**Суроғаи муассисаи пешбар:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: **rudaki@gmail. com**
Сомонаи расмӣ: www.iza.tarena.tj

“20” ноябри соли 2023